**МАРКАЗИ МИЛЛИИ ҚОНУНГУЗОРИИ НАЗДИ ПРЕЗИДЕНТИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН**

734024, ш. Душанбе, кӯчаи академик А. Адҳамов, 13, тел: (+99237) 227-45-00, факс: 227-63-64
www.mmk.tj; E-mail: info@mmk.tj

№ 62/02

аз «17» 06 соли 2020

Бонки миллии Тоҷикистон

Хулоса дар бораи гузаронидани расмиёти машваратҳои оммавӣ оид ба лоиҳаи «Тартиби ҳисобкунии таносуби меъёрии маблағҳои худӣ (сармоя) ва ухдадориҳои қабулнамудаи ташкилотҳои суғуртавӣ (азнавсуғуртакунӣ)» ва таҳлили таъсири танзимкунӣ доир ба он

Маркази миллии қонунгузорӣ ҳамчун мақоми ваколатдор оид ба таҳлили таъсири танзимкунӣ огоҳиномаи машварати оммавӣ оид ба лоиҳаи зикргардида ва таҳлили таъсири танзимкунӣ доир ба онро, ки дар Феҳристи лоиҳаҳои санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ ва таҳлили таъсири танзимкунии Портали интернетии иттилооти ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон 27 январи соли 2020 аз ҷониби Бонки миллии Тоҷикистон ҷойгир карда шудааст, мавриди баррасӣ қарор дод.

Лоиҳаи мазкур бори аввал аз таҳлили таъсири танзимкунӣ гузаронида мешавад.

Машварати оммавӣ нисбати лоиҳаи мазкур аз 27 январ то 27 феврали соли 2020 гузаронида шудааст. Ҳангоми гузаронидани машварати оммавӣ дар Портали интернетии иттилооти ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз тарафи шахсони воқеӣ, ҳуқуқӣ ва мақомоти давлатӣ таклифу пешниҳод ворид нагардидааст.

Бо мақсади ба талаботи Қонун мутобиқ таҳия гардидани таҳлили таъсири танзимкунӣ ва ба техникаи ҳуқуқэҷодкунӣ мувофиқ намудани лоиҳаи мазкур пешниҳод менамоем:

- талаботи сарҳати ҳафтум, тавсифи мушкилот, ки барои ҳал намудани он қабули санади меъёрии ҳуқуқӣ зарур аст ва оқибатҳои

эҳтимолии он дар ҳолате, ки ягон амал андешида нашавад, нодуруст пур ва шарҳ дода шудааст. Аз таҳлили ҳуқуқии маводи пешниҳодгардида бармеояд, ки мушкилот дар бе иҷро мондани қисми ҳаштуми моддаи 26 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи фаъолияти суғуртавӣ", мебошад. Дар сурате, ки агар ягон амал андешида нашавад, нисбати мақоми ваколатдор оқибатҳои ҳуқуқӣ ба миён меояд. Зеро, тибқи Қонуни болозикр Тартиби ҳисобкунии таносуби меъёрии маблагҳои худӣ (сармоя) ва уҳдадориҳои қабулнамудаи ташкилоти суғуртавӣ (азнавсугуртакунӣ) аз ҷониби мақоми назорати суғуртавӣ муқаррар карда мешавад.

Бо дарназардошти гуфтаҳои боло пешниҳод менамоем, ки ҳолатҳои мазкур дар нишондоди таҳлил инъикос карда шаванд;

- талаботи сархати ҳаштум, ифодаи мақсадҳои дахолати давлат нодуруст ифода гардидааст. Мақсади дахолати давлат доир ба ҳолати мазкур ин танзими ҳисобкунии таносуби меъёрии маблағҳои худӣ (сармоя) ва уҳдадориҳои қабулнамудаи ташкилоти суғуртавӣ (азнавсугуртакунӣ) ва бо ҳамин васила бартараф намудани норасоӣ дар қонунгузорӣ мебошад. Ҳамин мақсад дар таҳлил зикр карда шавад;

- маълумоти сархати нуҳум низ дуруст пур карда нашудааст. Бо мақсади таъмини иҷрои талаботи мазкур мувофиқи мақсад мебошд, ки уҳдадорӣ ва маҳдудиятҳое, ки дар Тартиб пешбинӣ гардидаанд, мухтасар тавсиф карда шаванд;

- талаботи сархати даҳум, ки роҳҳои ҳалли мушкилоти баррасишавандаро бидуни таҳияи санади меъёрии ҳукукӣ пешбинӣ менамояд, қисман дуруст пур гардидааст. Пешниҳод менамоем, ки он чунин баён карда шавад: Роҳҳои ҳалли мушкилот бидуни таҳияи санади меъёрии ҳуқуқӣ баррасӣ гардид. Бо дарназардошти он, ки Қонуни болозикр қабули тартиби ҳисобкуниро пешбинӣ намудааст, бидуни таҳияи санади меъёрии ҳуқуқӣ ҳалли мушкилоти мазкур гайриимкон аст».

Ҳамзамон, экспертизаи ҳуқуқии лоиҳаи мазкур нишон дод, ки лоиҳа бе риояи техникаи ҳуқуқэҷодкунӣ, таҳия шудааст.

Таҳлили муқоисавӣ-ҳуқуқии боби 1 лоиҳа бо моддаи 1 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи фаъолияти сугуртавӣ” нишон дод, ки аксари мафҳумҳо такрор баён гардидаанд. Аз нигоҳи техникаи ҳуқуқэҷодкунӣ ва бо дарназардошти он, ки мафҳумҳо дар Қонун пешбинӣ шудаанд, мувофиқи мақсад мебошад, ки мафҳумҳои асосӣ аз лоиҳа хориҷ, муқаддима ва боби 1 лоиҳа муттаҳид карда шаванд. Дар боби 1 лоиҳа асосҳои ҳуқуқии қабул, мавзӯи танзим, мақсад ва вазифаҳои Тартиб баён карда шавад.

Бо ҳамин тартиб, лоиҳа пурра бори дигар бо дарназардошти Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ» таҷдиди назар карда шавад.

Тибқи талаботи Дастурамал оид ба гузаронидани таҳлили таъсири танзимкунӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, агар дар хулоса аз ҷониби таҳиякунанда риоя нашудани тартиби гузаронидани таҳлили таъсири танзимкунӣ дарҷ шуда бошад, таҳиякунанда таҳлили таъсири танзимкунӣ ва лоиҳаи санади меъёрии ҳуқуқиро такмил дода, онро такроран ба мақоми ваколатдор ҷиҳати пешниҳод намудани хулоса ирсол менамояд.

Директор Саидзода И.Ҳ.